«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
__________Насриддинзода Э.С.
«03»_______03_______2025

# ХУЛОСАИ

кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» дар кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Фозилов Комрон Ҷамолович доткоранти PhD-и кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Фозилов Комрон Ҷамолович соли 2012 ба ихтисоси муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда, барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ дохил шуда, соли 2019 зинаи мазкурро бо ихтисоси минтақашинос хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2019 ҳамчун докторанти доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050500– минтақашиносӣ қабул гардидааст.

Айни замон Фозилов Комрон Ҷамолович ба ҳайиси мудири кафедраи педагогика ва рақамикунонии низоми иттилотӣ дар фарҳанги Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» фаъолият дорад.

**Роҳбари илмӣ:** Самиев Холаҳмад Давлатович номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ аз 12.09.2019, протоколи №4 тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои тахассусиро пурра тибқи нақшаи таълимии шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишгоди миллии Тодикистон супоридааст.

Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, суратмаҷлиси №6 муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия гардид.

Аз натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» кафедраи митақашиносии хориҷӣ хулосаи зеринро қабул кард.

## ХУЛОСА

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Фозилов Комрон Ҷамолович «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI», унвон дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050500– минтақашиноси пешбарӣ шудааст.

2. Мавзуи таҳқиқоти дисертатсионии Фозилов Компон Ҷамолович «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои сарфаҳм рафтан ба махсусияти фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, заминаҳо ва омилҳои зуҳури хатарҳои иттилоотии навин ва таъсири онҳо ба фазои иттилоотии минтақа, амнияти миллии кишварҳо ва раванди ҳамкориҳои онҳо ҷиҳати ташкили муқовимати дастаҷамъона ба ин хатарҳо аҳаммияти хосса дорад.

3. Мубрамии омӯзиши мавзуи мазкурро зарурати тадқиқи комплексии он бо фарогирии омилҳо ва заминаҳои зуҳури хатарҳои иттилоотӣ ба муҳити низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар минтақа, таъсири онҳо ба ҳар як кишвари минтақа дар раванди таҳия ва татбиқи стратегияиҳои миллии муқовимат ба хатарҳои иттилоотӣ, ҳамоҳангсозии талошу кӯшишҳои кишварҳо баҳри ҳамоҳанг ва муттаҳид кардани иқдомоти хеш барои бартараф кардани хатарҳои иттилоотӣ тасдиқ мекунад.

4. Актуалӣ будани мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро вуҷуд доштани мушкилотҳои зерин тасдиқ мекунад: Чанд сол аст, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷангҳои иттилоотӣ зуҳур доранд, ки дар робита ва мавқеъгириҳои давлатҳои минтақа дар ин ё он масъалаи баҳсабарангез, аз ҷумла масъалаҳои марзӣ, қавмӣ, истифодаи захираҳои энергетикӣ истифода бурда мешаванд. Дар раванди таҳқиқи диссертатсия муаян гардидааст, ки вобаста ба хатарҳои иттилотӣ, ки дар чанд соли охир дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба назар мерасад ниҳодҳои иттилоотии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба иллати заъфи омодагии иттилоотии васоити ахбори омма ва сатҳи пасти омодагии касбии рӯзноманигорон имкон надодаст, ки дар ин руёрӯии иттилоотӣ дар мубориза҆ҳои иттилотӣ дастболо шаванд.

5. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар замина ва бо риояи принсипҳои методологии таҳқиқи илмӣ, асоснок намудани муқарароти ибтидоии назарӣ, таҳлили вазъияти фазои иттилотии кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста ба ин ҳамкориҳои кишварҳои минтақа

доир ба хатарҳои иттилоотӣ ва шартномаҳои созмонҳои минтақавӣ ба монанди Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди давлатҳои мустақил доир ба хатарҳои иттилоотӣ дар фазои маҷозии кишварҳои минтақа ва муқовиматӣ дастаҷаъмонаи кишварҳои аъзои ин ниҳодҳои зикргардида, анҷом дода шудааст.

**Мақсади асосии** таҳқиқи диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович бо асос намудани назарии зарурати амсилаи такмили таъмини омӯзиш, таҳлил ва мушаххас кардани хатарҳои иттилоотӣ, миқёс, сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф диссертант **вазифаҳои** зеринро иҷро кардааст:

-дақиқ намудани мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои хоси хавфҳои эҳтимолии иттилоотӣ дар сарчашмаҳо ва таълифоти илмии ватаниву хориҷӣ;

- муайян кардани асосҳои назарии ва методологии омӯзиши хатарҳои иттилоотии замони муосир;

– таҳлили заминаҳо ва сабабҳои пайдоиши хатарҳои иттилоотӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI;

– таҳлили вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI ;

- омӯзиш ва муқоисаи мавқеъгирӣ ва бардоштҳои кишварҳои минтақа дар муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ;

- мушаххас намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои кишварҳои минтақа дар самти мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ;

- муайян намудани дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ.

**Объекти** таҳқиқи Фозилов Комрон Ҷамолович омӯзиш ва таҳлили заминаҳои пайдоиши таҳдиду монеаҳо, мушкилот ва чолишҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои минтақа мебошад.

**Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ** ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ диссертант аз маҷмуи методҳои назарӣ ва эмперикӣ: назарӣ –барои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, методологӣ, психологӣ, (анализ, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, мураттабсозӣ, моделсозӣ), осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, назарияҳои маъруфи илми равобити байналмилалӣ дар бораи амнияти миллӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва масъалаҳои дигари марбут ба мавзуъ ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии** таҳқиқоти Фозилов Комрон Ҷамолович, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки;

-мафҳуму моҳият ва ҳудуди семантикии хатарҳои иттилоотӣ таҳлил ва методологияи равиши ягонаи омӯзиши ин масъала пешниҳод карда шуд;

- омилҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои иттилоотӣ дар ибтидои қарни XXI, инчунин сабабҳои асосии паҳншавии онҳо дар Осиёи Марказӣ муайян ва мушаххас шудааст;

- вазъ ва ҳолати фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, равиш ва бардоштҳои хоси кишварҳои минтақа дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ таҳлил ва муқоиса шуданд;

- самтҳои асосии ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳоди ҳамгароӣ таҳлил шуданд;

- мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ташкили муқовимати муназзам ва самаранок алайҳи хатарҳои иттилоотӣ нишон дода шуданд;

- дурнамои ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ бо назардошти таҷрибаи ҳосилшуда муаян кардааст.

Диссертант **нуктаҳои асосии** зеринро ба дифоъ пешниҳод кардааст:

Мавзуи хатарҳои иттилоотӣ дар низоми бунёд ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ мақоми хос касб карда, мавриди омӯзиши доираи васеи муҳаққиқон, коршиносон ва сиёсатмадорон қарор гирифтааст. Бо вуҷуди

ин ба муҳаққиқон ва мутахассисону коршиносон то ҳол муяссар нашудааст, ки дар боби мафҳум ва ҳудудҳои маънoии хатарҳои иттилоотӣ созиш ё консенсус ба даст оранд ва таърифи мафҳуми мазкур норавшан ва парешон боқӣ мондааст.

2. Арсаи иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ вижагиҳо ва хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки бо сатҳҳои гуногуни системаҳои иттилоотии мавҷуда, муассисаҳо ва субъектҳои фаъол ва инчунин сатҳи фарҳанги иттилоотии ҳар як кишвар муайян карда мешавад.

Ин аст, ки кишварҳои минтақа равиш ва бардошти хоси худро дар мубориза бо хатарҳои иттилоотӣ интихоб кардаанд ва натиҷаҳои бадаст овардаи онҳо ҳам гуногунранг ба назар мерасад.

3. Дар баробари давлатҳои ҳамҷавори Осиёи Марказӣ фазои иттилоотиии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба як зумра хатару чолишҳо рӯ ба рӯ шудааст, ки дар миёни онҳо таҳдидҳои иттилоотӣ ҷойгоҳи намоён доранд. Хатарҳои иттилоотӣ метавон гуфт, ки таъсири хатарҳои дигари мавҷуда – мушкилоти қавмӣ, марзӣ, низоъҳои обии минтақа, фаъолшавии равияҳои тундрави диниву сиёсӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, қочоқи маводи мухаддир, гурӯҳи ҷинояткори муташаккилро бештар кардаанд ва сохторҳо ва ниҳодҳои марбутаро лозим меояд, ки ҳангоми таҳияи стратегия, консепсия ва барномаҳои мубориза бо таҳдидҳои зикршуда омили иттилоотиро ба назар гиранд.

4. Дар шароити рушди босуръат ва тавсеаи бесобиқаи хатарҳои иттилоотӣ, ки аз марзҳои байни давлатҳо бемамониат мегузаранд, ташкили дастаҷамъонаи мубориза бо онҳо зарурати эҷоди ниҳодҳо ва механизмҳои байнидавлатиро мубрам гардонидааст.

5. Дар шароити кунунӣ қувваҳои беруна бо ҳадафи ғасби равонию иттилоотӣ, иттилоотию техникӣ ва иттилоотию таблиғотӣ кулли технологияи иттилоотӣ-иртиботии вуҷуддоштаро ба таври васеъ истифода мебаранд.

6. Дар воқеияти имрӯза таъмини сатҳи кофии амнияти миллӣ ва минтақавӣ вокуниши фаъолро ба таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, ки метавонад

ба манфиатҳои ҳаётии одамон, ҷомеа ва давлат зарар расонад, тақозо менамояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти** анҷомдодаи Фозилов Комрон Ҷамолович аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти касбии мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ, таҳлил ва ояндабинӣ дар сиёсати хориҷӣ, журналистика бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди низоми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид будани худро собит созанд. Муқаррароти аслӣ, дастурамалҳо, хулосаву тавсияҳои илмӣ дар мавзуи таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва заминаи таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, мушкилоти ниҳодҳои сохторие, ки ин гуна фаъолиятро дар фазои иттилоотии кишвар татбиқ менамоянд, хизмат намояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки:

-пешниҳоди роҳҳои омӯзиш ва таҳлили хатарҳои иттилоотӣ дар шароити афзоиш ва густариши таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дар робита ба ин, тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байниминтақавӣ дар самти муқовимат ба хатарҳои иттилоотӣ дар бахшҳои техникӣ ва сиёсӣ инъикос ёфта, имконият ва роҳҳои рушди низоми амнияти иттилоотиро нишон додааст.

- таҳлили консептуалии таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки тайи ду даҳсолаи аввали сипаришудаи қарни бисту якум давлатҳои Осиёи Марказӣ дар баробари ҳалли масъалаҳои хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дошта ба силсилаи хатарҳое рӯ ба рӯ шуданд, ки дар оғози расидан ба истиқлолият касе онро интизор набуд.

-вазъияти фазои иттилоотии минтақаи Осиёи Марказӣ бо мавқеи геополитикии худ ноустувор боқӣ мемонад. Таҳдидҳои киберҷиноятӣ аз таҳқири нисбатан бегуноҳи онлайн ва хактивизм то ҷиноятҳои вазнини молиие, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ содир мешаванд, иборат аст. Миқёси қаллобӣ дар компютер, аз қабили ҳамлаҳои фишингӣ ва дуздии

маълумоти шахсият, ҳамасола афзоиш ёфта, хисороти назарраси иқтисодӣ мерасонад ва эътимодро ба хидматҳои онлайниро коҳиш медиҳад.

Дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон зарурати таҳияи стратегияи амнияти иттилоотӣ ба миён омадааст, ки хатару таҳдидҳои марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотиро ба ҳадди ақал расонад. Амнияти иттилоотӣ дар ин замина ҳамчун ҳолатѐ ҳисобида мешавад, ки дар он соҳаи иттилоот аз таъсири манфии дохилӣ ва берунӣ ҳифз шудааст.

Диссертатсия ба ҳимоя аввалин бор пешниҳод мешавад. Муҳтавои таҳқиқи, Фозилов Комрон Ҷамолович мундариҷа ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дар 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфта, ба мавзуи таҳқиқ иртиботи мустақим доранд ва муҳтавои асосии диссертатсия, ва автореферaтро инъикос мекунанд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


1. Фозилов К. Дж. Информационная война против стран Центральной Азии и пути сохранения национальной безопасности [Текст] / К.Дж. Фозилов // Вестник Национального университета. – Душанбе, 2023. - № 6. – Часть I.– С. 21-26.
2. Фозилов К.Ҷ. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи ниҳодҳои байналхалқӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2023. -№ 7.– С. 78-85.
3. Фозилов К.Ҷ. Раванди шаклгирии фарҳанги иттилоотии ҷомеаи муосир дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ –иртиботӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2024. - № 9.– С. 123-127.
4. Фозилов К.Ҷ. Фарҳанг ҳамчун “нерӯи нарм” (soft power) дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2024. - № 10.– С.74-78.

5. Фозилов К.Ҷ. Таъсири хатарҳои иттилоотӣ ба фазои амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ К.Ҷ. Фозилов //Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2021. - № 3. – С.291-296.
6. Фозилов К.Ҷ. Мушкилоти фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир [Матн] / К.Ҷ. Фозилов, Х.Д. Самиев // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2025. - №4.– С.51-58.

**II. Дар дигар нашрияҳо:**

[1-А]. Фозилов К.Ҷ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар Созмони Ҳамкории Шанхай [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Муҳаққиқи ҷавон. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №1.– С.41-45.

[2-А]. Фозилов К. Дж. Информационная война против стран Центральной Азии и пути сохранения национальной безопасности [Текст] / К.Дж. Фозилов //Вестник Тюменского государственного университета культуры. - №02 (28). –Тюмен, 2023. – С.135-139.

[3-А]. Фозилов К. Дж. Историко-культурные основы формирования отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан [Текст] / К.Дж. Фозилов, Л. Ширинзода // Сборник материалов XIII Международной научно-теоретической конференции молодых ученых высших учебных заведений Таджикистана, России и Узбекистана (25 февраля 2023). - Душанбе, 2023. - С.50-54.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот солҳои 2019-2025 дар конфренсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардидаанд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмии Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои

байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) кафедра хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳаммияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши густурда ва муфассалро мустақилона анҷом додааст, ки он барои минбаъд идома бахшидани пажӯҳишҳо дар самти мазкур мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавввзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 21, 27, 28, 31, 33, 34, 35, 38, 39, 40, 41, 42-и «тартиб додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30.06.2021. №267 (тағйиру илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 26.06.2023 № 295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи доктории Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050500-минтақашиносӣ (6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих)) таҳқиқоти илмии анҷом ёфта буда, он ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаҳои илмӣ комилан ҷавобгу мебошад.
2. Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри

XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050500-минтақашиносӣ 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна (илмҳои таърих) ба ҳимояи кушод дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 10 нафар, аз ҷумла Олимов М.А., д.и.т., профессор, Самиев Х.Д., н.и.т, дотсент, Абдуллоев Ҷ.Т. н.и.т, дотсент, Мамадазимов А.М., н.и.с., дотсент, Ёров А.Ш., н.и.т, дотсент, Розиқов Ф.М. н.и.т, дотсент, Баротзода Ф.Б. н.и.ф., дотсент, Зардӣ Ш.Қ., н.и.п., дотсент, Каримова З.М., ассистенти кафедра, Назаров Б.Б., ассистенти кафедра, Бозорова З.М., коргузори кафедра иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: “тарафдор” – 10 нафар, “муқобил” – нест, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи № 6 аз 28 феврали соли 2025.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Розиқов Ф. М.**

**Котиби ҷаласа,** **Бозорова З. М.**

**Имзоҳои Розиқов Ф.М ва Бозорова З. М. – ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

28.02.2025